**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - и доктор аз рӯй ихтисос аз рӯи ихтисоси илмҳои география 6D060901 Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров У.Н. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Зеро мақсади таҳқиқот илман асоснок намудани хулосаҳо оид ба мукамал намудани омӯзиши равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, коркарду тавсия ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, таъмини аҳолӣ бо кор, бартараф намудани мушкилотҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар нигаронида шудааст.

Дар робита бо мақсадҳои дар боло зикршудаи таҳқиқот, ҳамзамон доираи муайяни вазифаҳо низ муқаррар гардидаанд, ки ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ташкил медиҳанд. Чунин ҳолат зарурати омӯзиши бештари ҷанбаҳои назариявии муҳоҷирати меҳнатиро дар ҷумҳурӣ ба вуҷуд овард.

Таҳқиқоти мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ дар дохили кишвар буда, ғайр аз ин, бештар дар сатҳи тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаи баланд бардоштани сатҳи тахасуснокии аҳолӣ, ҷойгиркунии аҳолӣ таҳлили пурра нагардида буданд. Муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва шартҳои муносиби ҷойгиркунонӣ ва инкишофи қуввaҳои истеҳсолкунандаи минтақаҳои

гуногуни ҷумҳурӣ дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ. Асоснокkунонии усули алоқамандӣ ба мақсади ҳалли масъалаҳои захираҳои меҳнатӣ (демографӣ, иқтисодӣ) шарти муҳими нигоҳдории мувозинати экологӣ ва беҳбуди муҳити иҷимоӣ мегардад. Мукамалгардонии асосҳои назариявии идоракунии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар замони соҳибистиқлолии кишвар ва муносибати бозоргонӣ аз нигоҳӣ ягонагӣ ва алоқамандии омилҳои иқтисодӣ. Бо мақсади инкишофи самараноки иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ зарур аст, ки иқтидори соҳаҳои хоҷагии халқи ҳудудҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ омӯхта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Муқаррароти мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки меъёрҳои ҷайгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда бояд ба талаботи замон ҷавобгӯй бошанд, то ки барои аҳолии минтақаҳо ҷойҳои нави корӣ зиёд карда шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомпазируфтаи Ҳақназаров У.Н. маҳз ба ҳамин масъала бахшида шуда, дар шароити имрӯза мубрамияти хоси худро доро мебошад.

Маврид ба тазаккур аст, ки бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, баинобатгирии таҷрибаи байналмилалӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, зарурати таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ба миён омадааст. Ҳамчунин, аз таҳлил ва баррасии диссертатсияи Ҳақназаров У.Н. чунин хулоса намудан мумкин аст, ки он оид ба хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расида, диссертант мушкилиҳоеро, ки ба равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд, балки барои рушди минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ нигаронида шуда, пешниҳодҳо ва тавсияҳои мушаххаси илман асоснокро ироа менамояд.

Гуфтаҳои болозикр бори дигар шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар замони имрӯза омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии муҳоҷирати меҳнатӣ мубрам буда, саривақтӣ будани таҳқиқоти диссертатсионии диссертантро исбот менамоянд.

2. Диссертатсия таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуктаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, бартараф намудани мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ дар ин самт ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Бинобар ин, қайд намудан имконпазир аст, ки диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 25.00.24 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ мувофиқ буда, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058, ки мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя дорад, пешниҳод шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ҳақназаров У.Н. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳақназаров У.Н. маълумоти ғайрисаҳеҳ дида намешавад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳақназаров Умарали Нуралиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии муҳоҷирати меҳнатӣ дар минатқаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - и доктор аз рӯи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Улмасов Раҳмон Улмасович** – доктори илмҳои иктисодӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи славиянии Русияву Тоҷикстон.

**Мирзоев Сайали Сайвалиевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи омори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия –Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии «Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 19 – уми июни соли 2023 соати $9^{00}$ дақиқа таин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Шарифов З.Р.

**Аъзои комиссия:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсен,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Акобиров Ш.З.

номзади илмҳои география, дотсент,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Қаландаров А.А.

Имзои Шарифов З.Р ., Акобиров Ш.З.
ва Қаландаров А.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

«10» 04 2023 с.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121,
E-mail: info@tgpu.tj тел: (+992) 23722241383